**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
номзади илмҳои физика-математика,
___________ дотсент Наҷмиддиниён А.М.
«_22_» ______________ 2023

ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷуйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионӣ зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азизӣ Муҳамадалӣ Миралӣ ба анҷом расидааст.

Нематуллоев Муродбек Музафарович соли 2020 ҳамчун унвонҷӯи шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (фармоиш аз 29.10.2020, №09) фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Забони хориҷӣ (англисӣ) – “4” (хуб) – 18.06.2020;
- Таърих ва фалсафаи илм – “5” (аъло) – 17.05.2022;
- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот – “5” (аъло) – 06.01.2023;
- Ихтисос: 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) – “5” (аъло) – 05.05.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 08.05.2023, №761 додааст.

Мавзуи диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович мубрам буда, дар он масъалаи низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат бори аввал мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ дар таҳқиқот исбот намудааст, ки барои ташаккули лаёқати хонандагон муҳайё намудани шароит барои истифода аз озмоишгоҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар муаиссаҳои таҳсилоити иловагӣ дар раванди омӯзиши фанҳои физика, биология ва химия (бо маводу маҳлулҳо, реактивҳои озмоишӣ таъмин намудани ин озмоишгоҳҳо) ниҳоят муҳим мебошад;

Дар муқаддима мубрамият, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Боби якум **“Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат”** аз се фасл иборат буда, дар ин фаслҳо масъалаҳои лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат вобаста ба гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, инчунин принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин қисмат назари олимони ватаниву хориҷӣ доир ба падидаи лаёқатмандӣ, навъҳои он, роҳу усулҳои дарёфт ва кашфи кӯдакони болаёқат оварда шуда, назарияҳои гуногун қиёс гардидаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир шумораи зиёди хонандагони болаёқат маҳфуз аст. Дар дилхоҳ муассисае хонандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки барои хондан ва рушди лаёқатҳои худ шавқманд ва омодаанд, ё баръакс (кӯдакони аз ҷиҳати рушди равонӣ қафомонда ва бо имкониятҳои маҳдуд низ истисно нестанд). Дар байни ин хонандагон қисми асосии хонандагон – аксарият қарор доранд, ки ҳар кадом бо хусусиятҳои инфиродии худ аз ҳамсолон фарқ мекунанд ва ба таваҷҷуҳ ниёз доранд.

Яке аз хусусиятҳои инкишофи кӯдакони лаёқатманд ин аст, ки онҳо дар муқоиса бо кӯдакони дигар мутафовит будани худро дарк мекунанд. Дар натиҷа, баъзеи онҳо эҳсос мекунанд, ки нисбат ба дигар ҳамсолон ба баъзе корҳо ҳуқуқи бештар доранд. Аммо, чунон ки маълум аст, одам ҳар қадар имкониятҳои зиёд дошта бошад, бояд бештар нисбат ба кирдораш масъулиятшинос бошад.

гуна ҳамкориҳои барои ташаккул додани донишу малкаи хонанда маҳорати касбии ин омӯзгорон равона карда мешавад, ки самаранокии ҷараёни таълимро таъмин намуда метавонад. Махсусан ҳангоми омода намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва дигар озмунҳои зеҳнӣ фаъолияти таълимии муштараки омӯзгорон баръало мушоҳида карда мешавад.

Зимни банақшагирии таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе интихоби модели рушди лаёқатмандӣ омили муҳимми таъмини иҷрои ҳадафҳои муассиса мебошад, зеро афзалияти ин ё он шакл ё модели таълимӣ дар ташаккули шахсият ва рушди зеҳнии хонандагон нақши муҳим дорад. Танҳо он модели таълимие, самарнок ва муваффақ мегардад, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар кӯдаки лаёқатмандро бо назардошти синну сол ба инобат гирифта бошад. Ҳамзамон дар интихоби модели самарноки таълимии кор бо хонандагон болаёқат ба инобат гирифтани тахассусмандии омӯзгорон низ мавқеи асосӣ дорад.

Таҳлили фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” нишон медиҳад, ки фаъолият дар самти дастгирӣ ва рушди лаёқатмандии хонандагон дар доираи “модели пурмуҳтаво (ғанӣ)-и рушди лаёқатмандӣ” ба роҳ монда шудааст.

Модели мазкур маънои онро дорад, ки инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ муҳимтарин вазифаи таълим дар зинаи таҳсилоти илолвагӣ мебошад, зеро ин раванд тамоми марҳилаҳои ташаккули шахсияти кӯдакро фаро мегирад, ташаббус ва мустақилияти ҳонанда, баёни озоди фикр ва эътимод ба шахсияти ӯро бедор мекунад. Ҳангоми ташаккул додани талабот ва манфиатҳои эҷодӣ, мо аз шаклҳои гуногуни корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ истифода бурда, саъй менамоем, ки дар ниҳоди кӯдак такрор ба такрор дониш ва малакаҳои андӯхтаро мустаҳкам намоем. Дар Гимназия дарсҳои асосиву иловагӣ ҳамчун шакли асосии таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат ба ҳисоб мераванд. Маҳз дар доираи фаъолияти таълимии хонандаи болаёқат, вазифаҳои ташаккул, тафаккур, тахайюл қобилияти таҳлил ва синтези ӯ, пеш аз ҳама, ҳал карда мешаванд. Айни замон, дарсҳо бояд бо фаъолиятҳои гуногун, маводи омӯхташуда ва сабку методи баёни мавзуи нав фарқ намоянд. Ин омил кӯдаконро ба эҷодкорӣ ташвиқ мекунад. Майлу рағбати эҷодӣ дар раванди фаъолияте инкишоф меёбад, ки табиати эҷодӣ дорад. Дар гимназия ңамудҳои ғайримуқаррарии дарсҳо, усулҳои таълимии гуногун, фаъолияти эҷодии дастҷамъона дар корҳои беруназсинфӣ, ки ба рушди фаъолияти зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат мекунанд, васеъ паҳн шудаанд.

Ҳадафи асосии таълими иловагӣ дастгирии кӯдакони болаёқат ва таъмини шароит барои рушди лаёқатмандии онҳо ва таҳияи таърифҳои кории мафҳумҳои зерин мебошад:

1) «дастгирии педагогии рушди истеъдоди хонандагон» - ташкили ҳамкории мусбати омӯзгор ва хонандагон дар раванди муттаҳидсозӣ ва ғанӣ гардонидани блокҳои асосӣ, иловагӣ ва алоҳидаи таълим дар корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ, васеъ намудани доираи муоширати хонандагон тавассути ҷалби намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ, мувофиқ кардани қобилият ва истеъдоди онҳо дар заминаи муассисаҳои гуногун;

2) «дастгирии психологӣ» ин муайян кардани хусусиятҳои психологии фардӣ, дараҷаи рушди лаёқатмандӣ вобаста ба синну сол ва муайян намудани мушкилоти равонии хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон ҳал кардани баъзе мушкилоти психологии хонандагони болаёқатро дар самти муошират бо омӯзгорону ҳамсолони худ дар назар дорад;

3) «дастгирии психологию педагогии рушди истеъдоди хонандагон» ин ҳамгироии низоми дастгирии педагогӣ ва психологии раванди таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар шароити муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт гузаронидани мониторинги инфиродии сатҳи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ва дар натиҷаи он таҳия намудани барномаи мушаххаси таълимӣ ба манфиат мебошад.

Дастгирии лаёқатмандӣ дар Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" асосан тавассути дарсҳои иловагӣ, маҳфилҳо ва сафарбарсозии хонандагон ба марказҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии "Дарёфт ва рушди истеъдодҳо" сурат мегирад.

Дар фасли якуми боби дуюм ҳамаи маҳфилҳо ва дарсҳои иловагӣ, ки дар Гимназия бо мақсади ҳамроҳии лаёқатмандӣ ҷорӣ карда шудаанд, аз рӯи шакли баргузории машғулиятҳо гуруҳбандӣ карда шудаанд. Дар навбати худ, вобаста ба муҳтавои дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо ҳамаи онҳоро ба ду гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳое, ки ба рушди шахсияти хонанда ва омӯзиши роҳҳои дарк ва татбиқи падидаҳои лаёқатмандӣ нигаронида шудаанд.

2. Дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳое, ки барномаи асосии таълимро идома дода, ба тақвияти донишҳои фаннии хонандагон нигаронида шудаанд.

Барномаҳои таълими иловагии гуруҳи якум. Равоншиноси Гимназия дар якҷоягӣ бо Кумитаи падару модарон кӯдакони боистеъдодро дастгирӣ намуда, барои татбиқи шавқу қобилиятҳои онҳо чӣ дар мактаб ва чӣ дар оила шароити мусоид фароҳам оварда, инчунин курсҳои "Асосҳои рушди шахсият" ва "Этика ва эстетика"-ро амалӣ намуд.

Вазифаи ҳамаи дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳои гуруҳи якум дар Муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" инҳоянд:

- муайян намудани қобилиятҳои инфиродӣ, сифатҳои шахсӣ ва таҳияи барномаҳои инфиродӣ барои рушди шахсият ва муваффақияти хонандагон;

- ташаккули шавқу ҳаваси хонандагони болаёқат ба омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ ва дастгирии педагогиву психологии раванди кор бо хонандагони болаёқат;

- инкишоф додани истеъдоди хонандагон тавассути истифодаи намудҳо ва шаклҳои гуногуни чорабиниҳои маърифатӣ ва зеҳнӣ ҳам дар дарсҳои асосӣ ва ҳам дар дарсҳои иловагӣ;

- дастгирии психологию педагогии хонандагони болаёқат дар раванди таҳсилот.

Барномаҳои таълими иловагии гуруҳи дуюм. Ба барномаҳои таълими иловагие, ки барномаи асосии таълимро идома дода, ба тақвияти донишҳои фаннии хонандагон нигаронида шудаанд, 12 дарси иловагӣ ва маҳфилҳо ворид мегарданд. Дар ҷараёни ин машғулиятҳо хонандагон, асосан, сатҳи забондонии худро беҳтар намуда, донишҳои дар рафти дарсҳои асосӣ азхуднамудаашонро тақвият медиҳанд.

Дар синфҳои болоӣ, махсусан синфҳои 10-11 таълими иловагӣ ба омодасозии хонандагон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ равона гардида, аз машғулиятҳои омӯзишии шавқовару фаъол ба дарсҳои мукаммал бо омӯзиши амиқи мавзуъҳо мегузаранд.

Кори илмию таҳқиқотии Нематуллоев Муродбек Музафарович имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва фикру мулоҳизаҳои пешниҳоднамудаи дигар иштирокчиён

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори мустақилона баанҷомрасида ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 22 майи соли 2023, протоколи №11 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” – 15 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ, муовини директор оид ба корҳои
илмии ПРМба номи А. Ҷомии АТТ Лутфуллоева П.М.

Котиби ҷаласа, ходими пешбари илмии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

Имзои Лутфуллоева П.М. ва Ҷонмаҳмадова Г. Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.С.